**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО**

# ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ

барои солҳои 2018-2020

**ДУШАНБЕ – 2018**

Шартномаи колективӣ бо назардошти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён мураттаб шудааст.

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар шахси раиси кумита Саидов Искандар Саидҷаъфарович, ки дар асоси "Низомнома"-и Кумитаи Иттифоқи касабаи донишҷӯён амал мекунад (минбаъд Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷуён), аз як тараф ва Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар шахси ректор Гулзода Маҳмадшоҳ Қурбоналӣ, дар асоси «Оиннома»-и донишгоҳ, ки дар суратҷаласаи №9 аз 24.04.2014 с. бо қарори Шӯрои олимон тасдиқ шудааст ва бо ризоияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти №678 аз 18.08.2014с. тасдиқ гардидааст, амал намуда (минбаъд Донишгоҳ номида мешавад), аз тарафи дигар, шартномаи мазкурро дар бораи иҷро намудани корҳои зерин имзо намуданд:

Шартномаи мазкур аз рӯзи ба имзо расиданаш то муддати се сол амал мекунад.

## I. МАВЗӮИ ШАРТНОМАИ КОЛЛЕКТИВӢ

Шартномаи коллективӣ санади ҳуқуқӣ буда, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии донишҷӯён, интернаву ординаторҳои клиникӣ, магистрҳо ва аспирантҳои донишгоҳро ҳифз мекунад.

## II. УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШГОҲ

2.1. Барраси ва муҳокимаи лоиҳаҳои вобаста ба раванди таълим ва таъмини шароитҳои зисту таҳсили муҳассилинро таъмин намояд;

2.2.Масъалаҳои ҳавасмандгардонии донишҷӯён, интернаву ординаторҳои клиникӣ, магистрҳо ва аспирантҳоро барои дастовардҳои таълимӣ, илмӣ ва фаъолияти ҷамъиятиашон ҳалу фасл намуда, ҳамзамон ба онҳо дар мавридҳои зарурӣ ёрии моддӣ расонад;

2.3. Ба донишҷӯёни ятими кулл, маъюбон ва камбизоатон вобаста ба имтиёзҳои муайянгардида ва имкониятҳои мавҷудаи донишгоҳ дар доираи қонунҳои амалкунанда кӯмаки моддӣ расонад;

2.4. Ҳангоми тақсимоти маблағҳои буҷетӣ бо иштироки Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён барномарезӣ ва тақсимоти моддаҳои хароҷотиеро, ки бевосита манфиатҳои донишҷӯёнро дар бар мегиранд, таъмин намояд;

2.5. Биноҳои варзишӣ ва таҷҳизотҳои варзишие, ки барои ташкил ва баргузор намудани ҳар гуна чорабиниҳои варзишӣ - оммавӣ ва солимгардонӣ пешбини шудаанд, барои истифодаи донишҷӯён мусоидат намояд.

## III. УҲДАДОРИҲОИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБАИ ДОНИШҶӮЁН

3.1. Дар ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ масоили таъмини раванди таълим, истироҳат ва манфиатҳои иҷтимоию моддии донишҷӯён, интернаву ординаторҳои клиникӣ, магистр ва аспирантҳои мактаби олиро ҳимоя кунад;
3.2. Дар масъалаҳои хориҷ ва барқарор намудани донишҷӯён дар донишгоҳ ширкат варзад;
3.3. Барои ҳалли масъалаҳои баҳсии донишҷӯёне, ки аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ хориҷ гардидаанд, ё муваққатан аз гирифтани стипендия маҳрум шудаанд ва ё қоидаҳои тартиботи дохилидонишгоҳиро вайрон намудаанд, ёри расонад;
3.4. Дар тақсимоти масоҳати истиқоматӣ дар хобгоҳҳои донишгоҳ ширкат варзад;
3.5. Масоили расонидани ёрии ҳуқуқӣ ва додани машваратҳои зарурӣ ба муҳассилинро матраҳ намояд;
3.6. Пешниҳодҳои маъмуриятро омӯхта, дар сурати мухолифат надоштанашон бо қонунҳои амалкунанда, онҳоро дастгирӣ намояд;
3.7. Ба ташкили истироҳату табобати донишҷӯён мусоидат намояд;
3.8. Истифодаи самараноки маблағҳои Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёнро аз рӯи ниёзу эҳтиёҷоти донишҷӯён ба самтҳои лозимӣ равона намояд;
3.9. Дар тақсимот ва истифодаи мақсадноки маблағе, ки аз буҷаи давлат ба ташкилот ҷудо карда мешавад, ҷиҳати гузаронидани корҳои маданӣ-маърифатӣ ва варзишию оммавӣ ширкат варзад;
3.10. Барои ҳавасмандгардонии донишҷӯёни аълохон ва онҳое, ки дар корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, чорабиниҳои ҷамъиятию варзишӣ фаъолона ширкат меварзанд, мусоидат намояд;
3.11. Дар якҷоягӣ бо Муовинати тарбия ва фарҳанг, Шуъбаи тарбия ва фарҳанг, Шуъбаи кор бо ҷавонон, Шӯрои занон ва духтарон ва садорати деканатҳо дар байни донишҷӯён корҳои тарбиявиро ба роҳ монад;
3.12. Дар якҷоягӣ бо Шуъбаи кор бо ҷавонон ба кори Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳҳои донишгоҳ роҳбарӣ намояд;
3.13. Назорати ҷамъиятии реҷаи кории нуқтаҳои хӯроки умумиеро, ки ба донишҷӯён хизмат мерасонанд, пурзӯр намуда, нарху наво, сифати хӯрок, таъмини хӯроки парҳезӣ ва намудҳои гуногуни хӯрокҳои арзонро зери назорат гирад.

## IV. ҲОЛАТҲОИ ИЛОВАГӢ

4.1. Шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба имзо расиданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо намуда, иҷроишаш барои тарафҳо ҳатмӣ мебошад;
4.2. Шартномаи мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, як нусхагӣ ба ҳарду тарафҳо дода мешавад, ки эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд;
4.3. Тарафҳо барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани шартҳои ҳамин шартнома мутобиқи қонунгузории ҷорӣ масъулият доранд;
4.4. Баҳсҳое, ки минбаъд вобаста ба шартномаи мазкур ба миён меоянд, ба тариқи созиш ҳал карда мешаванд, дар ҳолати ба созиш наомадани тарафҳо, дар асоси қонунгузории ҷорӣ ҳаллу фасл карда мешаванд;

## V. СУРОҒАИ ТАРАФҲО

**Донишгоҳ**

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139

Ректор ___________ Гулзода М.Қ.

«___»___________ соли 2018

**Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён**

Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯёни
Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон
ба номи Абӯалӣ ибни Сино

ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 139

Раис ___________ Саидов И.С.

«___»___________ соли 2018